ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ
НОҲИЯИ НУРОБОД

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ НУРОБОД БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025



Нуробод – 2021

# МУНДАРИЧА

**РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ** ..... **3**
**МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР** ..... **4**
**МУҚАДДИМА** ..... **5**
**БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ, ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ ВА ДАСТОВАРДҲО** ..... **7**
1.1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳия ..... 7
1.2. Вазъи демографӣ ..... 9
1.3. Дастовардҳои дар раванди татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020” ..... 10
1.4. Биниш, ҳадаф ва вазифаҳо ..... 11
1.5. Афзалиятҳои асосӣ ..... 13
1.6. SWOT-таҳлил ..... 13
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯҲО АЗ РӮИ РУШДИ СОҲАҲОИ АСОСӢ** ..... **14**
2.1. Таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ ..... 14
**БОБИ 3. РУШДИ ИНФРАСОХТОР** ..... **34**
4.1. Таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ ..... 34
4.2. Коркарди партовҳои сахти маишӣ ..... 37
4.3. Таъмини барқ ..... 39
4.4. Нақлиёт ва роҳ ..... 41
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ..... 44
**БОБИ 4. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА** ..... **45**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ..... 45
5.2. Идоракунии хавфи ҳолатҳои фавқулода ..... 46
**БОБИ 5. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА** ..... **48**
6.1. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ..... 48
6.2. Таъминоти молиявӣ ..... 47
6.3. Низоми мониторинг ва арзёбӣ ..... 49

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ААИ | Андоз аз арзиши иловашуда |
| АО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АИ | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АКТ | Ассотсиатсия кордиҳандагони Тоҷикистон |
| АХД | Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АХШ | Агентии хусусии шуғл |
| АЭС | Арзёбии экологии стратегӣ |
| БВИ | Бахши воқеии иқтисодиёт |
| БҒС | Бемориҳои ғайрисироатӣ |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| БМР | Барномаи миёнамуҳлати рушд |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БХ | Бахши хусусӣ |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |

# МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР

| | |
|---|---|
| **Таъсис шудааст:** | Ноҳия соли 1936 бо номи Комсомолобод таъсис ёфта, соли 1995 номи Дарбанд ва соли 2003 Нуробод номгузорӣ шудааст. |
| **Масоҳат:** | 0,93 ҳазор $км^2$ |
| **Сохтори ҳудудию маъмурӣ:** | 6 ҷамоати деҳот ва 1 шаҳрак (117 деҳаю маҳалла) |
| **Аҳолӣ:** | 80,52 ҳазор нафар (51,3% - мард ва 48,8% - зан) |
| **Зичии аҳолӣ дар 1 $км^2$:** | 86,6 нафар |
| Захираҳои меҳнатӣ: | 39,5 ҳазор нафар |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол: | 20,1 ҳазор нафар |
| Масофа то шаҳри Душанбе | 155 км |
| **Корхонаҳои саноатӣ:** | 4 адад |
| **Муассисаҳои тиббӣ:** | 45 адад |
| Шумораи катҳо: | 214 кат |
| Шумораи табибон ва кормандони тиб: | 270 нафар |
| **Муассисаҳои таълимӣ:** | 85 адад |
| Ёдгориҳои таърихӣ: | 4 адад |
| Муассисаҳои фарҳангӣ: | 23 адад |

## МУҚАДДИМА

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021-2025 (минбаъд Барномаи рушд) дар асоси “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳангоми таҳияи Барномаи рушд талаботҳои “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба инобат гирифта шуда, он ба ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) барои давраи то соли 2030 мутобиқ карда шудааст.

Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо таҳияи Барномаи мазкур ба роҳ монда шудааст, ин: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, СМР-2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) мебошанд.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод дар доираи Барномаи мазкур минбаъд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии муайянгардидаи кишвар, аз ҷумла таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул нигаронида мешавад.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд ва барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ, коммуналӣ, инфросохтори замонавӣ, шароити шоистаи зиндагии аз лиҳози экологӣ мутобиқ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва инчунин, зиёд шудани табақаи миёнаи аҳолии ноҳия заминаи босазо хоҳад гузошт.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021 – 2025, ки дар он 152 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 2 157 млн 203 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ки аз ин 28 лоиҳа бо маблағи 14 503 ҳазор сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, 46 лоиҳа бо маблағи 17

952 ҳазор сомонӣ ба соҳаи саноат, 10 лоиҳа бо маблағи 35 700 ҳазор сомонӣ ба соҳаи сохтмон, 10 лоиҳа маблағи 10 261 ҳазор сомонӣ ба соҳаи маориф, 11 лоиҳа бо маблағи 11 507 ҳазор сомонӣ ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоӣ, 12 лоиҳа бо маблағи 33 984 ҳазор сомонӣ ба соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ, 9 лоиҳа бо маблағи 2 014 866 ҳазор сомонӣ ба соҳаи нақлиёт, хоҷагии роҳҳо ва алоқа, 6 лоиҳа бо маблағи 8 563 ҳазор сомонӣ соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ ва ХМК, 9 лоиҳа бо маблағи 5 616 ҳазор сомонӣ ба соҳаи таъминоти барқ, 11 лоиҳа бо маблағи 4 250 ҳазор сомонӣ ба соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист рост меояд.

# БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ, ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ ВА ДАСТОВАРДҲО

## 1.1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳия

***Маълумоти ҷуғрофӣ.*** Ноҳия Нуробод дар қисми шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир буда, онро аз тарафи шимолу ғарб кӯҳҳои Қаротегин ва аз тарафи шарқу ҷануб кӯҳҳои Дарвоз иҳота намудаанд. Ҳудуди ноҳия аз Оби Гарм то ноҳияи Рашт ба масофаи 71,7 км тӯл мекашад. Ноҳияи Нуробод аз шимол бо ноҳияи Ваҳдат, аз ҷануб бо ноҳияи Сангвор ва ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон ҳамсарҳад мебошад. Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Душанбе 155 км-ро ташкил медиҳад. Аз қисми шарқу шимол дарёи Сурхоб ва қисми шарқу ҷануби ноҳия дарёи Хингоб ҷорӣ гардида, дар омезиш бо ҳам ба дарёи Вахш оғоз мебахшанд.

Харитаи тақсимоти маъмуриву ҳудудии ноҳияи Нуробод



Мавзеи ҷуғрофӣ ва дарёчаҳои тезоби ноҳия барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обии хурд мувофиқ мебошад. Дар доираи «Барномаи дарозмуддати неругоҳҳои барқии обии хурд дар давраи солҳои 2007-2020» 10 неругоҳи барқии обии хурд сохта, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обии хурди «Нуробод-1» ва «Нуробод-2» ба нақша гирифта шудааст, ки иқтидории нақшавии ҳар яки он 300 МВт-ро ташкил медиҳад.

Ҳудуди марзию маъмурии ноҳия аз 6 ҷамоати деҳот, 1 шаҳрак ва 117 деҳаю маҳалла иборат аст.

**Маълумот оид ба ҳудуди марзию маъмурии ноҳия**

| Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи маҳалла (деҳа) | Шумораи хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| Комсомолобод | 17 | 1776 | 14712 |
| Ҳакимӣ | 22 | 1858 | 14287 |
| Муҷихарф | 25 | 1806 | 16944 |
| Сафедчашма | 6 | 944 | 8605 |
| Хумдон | 20 | 1587 | 13591 |
| Изатулло Ҳалимов | 12 | 1117 | 9491 |
| шаҳраки Дарбанд | 15 | 480 | 2890 |
| **Ҳамагӣ:** | **117** | **9568** | **80520** |

***Релеф ва иқлими ноҳия.*** Релефи ноҳия асосан кӯҳсор мебошад. Ҳудуди он дар ҳавзаи болооби дарёҳои Сурхобу Хингоб, ки дар омезиш дарёи пуртуғёни Вахшро дар бар мегирад, ҷой гирифтааст. Сарҳади шарқу ҷанубиашро қаторкӯҳҳои Дарвоз аз шимолу ғарб то кӯҳҳои Қаротегин кашол меёбад. Баландии мутлақ дар ноҳияи Нуробод, дар қаторкӯҳҳои Қаротегин то ба 3845 метр ва дар қаторкӯҳҳои Дарвоз ба 4456 метр мерасад.

Ноҳияи Нуробод аз сатҳи баҳр дар баландии 1280 метр ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ, иқлими он вобаста ба баландиаш тағйир меёбад: то баландии 1700 метр тобистон гарм, зимистон на чандон хунук (ҳарорати миёна дар моҳи июл 14,2 – 28,4$^0$С ва дар моҳи январ аз 0 то – 12,2$^0$С) ва давомнокии давраи бехунукӣ 180-200 рӯзро ташкил медиҳад. Дар баландиҳои 1500-2000 метр аз сатҳи баҳр иқлим мӯътадил, тобистонаш салқин, зимистонаш хунук буда, дар баландиҳои бештар аз 3000 метр аз сатҳи баҳр иқлими хунук ҳукмфармост. Миқдори боришот дар ноҳия ба ҳисоби миёна 700-900 мм-ро ташкил медиҳад. Теғаи кӯҳҳои баланд бо тармаву пиряххо пӯшида шудаанд.

***Захираҳои табиӣ.*** Сарватҳои зеризаминии ноҳия ҳоло пурра омӯхта нашудааст. Солҳои охир дар натиҷаи гузаронидани корҳои ҷустуҷӯию геологӣ дар ноҳия геологҳо волфрам, қурғошим, мис, нуқра, сурма, фосфор, оҳаксанг, намаки ошӣ ва сангҳои мармар ошкор намудаанд. Захираҳои табиии мавҷуда барои ноҳия аҳамияти бузурги иқтисодӣ доранд (дар ҳолати истихроҷ намудани онҳо).

Инчунин кӯҳу теппаҳои ноҳия аз растаниҳои муфид бой буда, дар онҳо беш аз 150 навъи растании доруворӣ, 50 навъи растании асаловар ва 120 растанӣ дорои равғани эфир мавҷуд аст.

### 1.2. Вазъи демографӣ

***Вазъи демографӣ.*** Ба ҳолати 1 январи соли 2020 аҳолии ноҳияи Нуробод 80,52 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ин 96 фоиз дар деҳот ва 4 фоиз дар шаҳрак истиқомат мекунад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,3 фоиз мард ва 48,7 фоиз зан мебошад. Беш аз 41,2 фоизи аҳолии ноҳияро ҷавонон ташкил медиҳанд. Суръати афзоиши миёнаи аҳолӣ 2,2 фоиз ва афзоиши табии он ҳамасола 1657 нафар мебошад. Дар ҳолати 2,2 фоиз зиёд шудани аҳолӣ шумораи он дар соли 2025 ба 89,4 ҳазор нафар мерасад.

***Бозори меҳнат.*** Зиёдшавии шумораи аҳолӣ ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Дар ноҳия аҳолии қобили меҳнат 58,5 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад, ки аз ин 29,5 фоизаш аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад. Дар ноҳия беш аз 7,5 фоиз аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва аз рӯи ҳисоби ғайрирасмӣ 35,5 фоизи дигари он (28178 нафар) бекор мебошад (дар ҳолати ба кор таъмин кардани 28178 нафар ба ҷойи корӣ ба буҷаи маҳаллӣ аз ҳисоби андози даромад аз ҳисоби музди менати ақал дар як моҳ 28230 сомонӣ ва дар 12 моҳ 338760 сомонӣ ворид мешавад). Зиёдшавии шумораи аҳолии қобили меҳнат ва ба ҷои кори доимӣ таъмин накардани онҳо яке  аз мушкилоти асосӣ дар панҷ соли минбаъда ба ҳисоб меравад. Дар панҷ соли оянда шумораи аҳолии қобили меҳнат 11,0 фоиз ё 4345 нафар мерасад. Дар ҳолати дуруст истифода бурдани вазъи бамиёномада ва андешидани тадбирҳои муайян имконияти васеъ барои ноҳия ба марҳилаи нави рушд мебошад.

***Кӯчонидани аҳолии ноҳия аз минтақаи зериобмонии ҶСК «НБО-и Роғун».*** Мувофиқи нақша-чорабинӣ кӯчонидани аҳолӣ  ба ҷойҳои нави зист аз минтақаи зериобмонии ҶСК “НБО-и Роғун” марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад. Тибқи нақша дар давоми солҳои 2010-2020 мебоист 2080 (ё 51,5 %) муҳоҷирон ба ҷойҳои нави зисти ноҳия ва 1955 (ё 48,5 % ) муҳоҷирон ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ кӯчонида мешуданд.

Ҳоло 1325 оила ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва 870 оила ба маркази ноҳия кӯчонида шудааст. Дар солҳои минбаъда 630 оила ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва 1210 оила ба маҳаллаҳои нави зисти ноҳия кӯчонида мешавад. Вале аз сабаби нарасидани оби нӯшокӣ, сатҳи пасти инфрасохтор, хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншоотҳои маданию маишӣ кӯчонидани аҳолӣ ба шаҳраки Дарбанд ва дигар маҳаллаҳои он тӯл кашида истодааст. Дар панҷ соли минбаъда вазифаи асосӣ дар доираи Барномаи мазкур бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта ва омода намудан маҳаллаҳои зист барои кӯчонидани аҳолӣ мебошад.

### 1.3. Дастовардҳо дар раванди татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020"

Дар давраи татбиқи Барномаи мазкур тайи солҳои 2018-2020 ноҳия дар аксар соҳаҳои калидии дар барнома муайяншуда ба пешравии назаррас ноил гашт. Дар давоми амали барнома 60 лоиҳа дар бахшҳои мухталиф ба маблағи беш аз 95,1 млн. сомонӣ бо назардошти тамоми сарчашмаҳои маблағгузорӣ иҷро шудааст.

Амалӣ шудани тадбир ва чорабиниҳои гузошташуда дар доираи Барномаи мазкур барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ноҳия мусоидат намуда, боиси афзоиши нишондиҳандаҳои асосӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ гардид. Дар ин давра зиёда аз 2430 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуд, ки ин ба коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ дар ноҳия мусоидат намуд.

***Соҳаи кишоварзӣ.*** Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо дар соҳаи кишоварзӣ соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла ғалла ба 2106,6 тонна, картошка 16390,3 тонна, сабзавот 4313,4 тонна, меваҷот 4636,1 тонна, гӯшт 2641 тонна, шир 6226,6 тонна, тухм 3886,7 ҳазор дона, пашм 34,6 тонна, асал 116,8 тонна расонида шудааст, ки дар қиёс ба соли 1992 истеҳсоли ғалла 2,8 маротиба, картошка 5,7 маротиба, сабзавот 1,8 маротиба, меваҷот 3,8 маротиба, гӯшт 2,8 маротиба, шир 3,4 фоиз ва пашм 3,1 маротиба афзоиш ёфтааст.

Соли 2020 дар ноҳия 213,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки 102,0 млн. сомонӣ дар муқоиса ба соли 2013 зиёд шудааст.

Дар натиҷаи барқарорсозии канали "50-солагии Тоҷикистон" дар Ҷамоати деҳоти Хумдон зиёда аз 38 га замини киштшаванда обёрӣ карда шуд. Инчунин, дар соли 2020 дар майдони 15 га боғҳои нав бунёд карда шуда, 19,45 га боғи кӯҳна барқарор карда шуд. Дар давоми солҳои 2021-

2025 иловатан бунёди 10 га боғҳои нав ва барқарор намудани 6 га боғҳои кӯҳна ба нақша гирифта шудааст.



***Сохтмон.*** Дар давоми 4 соли охир дар ноҳия 23 043 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ, 8 мактаб ва биноҳои нави таълимӣ бо миқдори 2 738 ҷойи нишаст, 3 бунгоҳи тиббӣ ва муассисаҳои томактабӣ барои 100 ҷойи нишаст бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд. Дар давоми солҳои 2018-2020 барои бунёди иншоотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва инфрасохтор беш аз 124,0 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ равона шудааст, ки дар давоми ин солҳо 185 иншоот ба маблағи 111,4 млн. сомонӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

***Нақлиёт.*** Тавассути таҷдиду таъмир ва дигар инфрасохтори нақлиётӣ хизматрасонии нақлиётӣ дар ноҳия ба таври назаррас беҳтар гардид. Тӯли солҳои 2018-2020 дар ноҳия 18,4 км хиёбону кӯча ва пиёдароҳа бунёду азнавсозӣ ва таъмири асосӣ карда шуд.

Танҳо дар давоми чор соли охир дар 1 қитъа чароғаки роҳнамо ва 24 адад аломатҳои роҳ, 3 км қубури оби нӯшокӣ, 3 адад кӯпрук бо дарозии 103,1 метри тӯлонӣ бунёд ва барқарорсозӣ карда шуд.

### 1.4. Биниш, ҳадаф ва вазифаҳо

**Биниш.** Нуробод маркази рушдёфтаи иноватсионии истеҳсоли коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза, дорои инфрасохтори муосири иҷтимоию иқтисодӣ,

фарҳангию фароғатӣ, шароити хуби экологӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна буда, дар ҳудуди он некӯаҳволии мардум таъмин гардида, шароити шоистаи кору фаъолият фароҳам оварда шудааст.

**Ҳадафи асосии** барномаи рушди ноҳия ин *баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳия тавассути ба фаъолият даровардани иқтидорҳои мавҷуда* мебошад.

Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ дар панҷ соли минбаъда зерҳадафҳои асосии зерин муайян шудаанд:

- фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои тамоми сокинони ноҳия ва бахусус кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои нави зист аз минтақаи зериобмонии ҶСК “НБО-и Роғун”;
- таъмини инфрасохтори муосир ва барқарорсозии шабакаи обу ташноб;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии бахши хусусӣ ва фазои сармоягузорӣ.

Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар доираи Барномаи мазкур вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

*Дар самти фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои тамоми сокинони ноҳия ва бахусус кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои нави зист аз минтақаи зериобмонии ҶСК “НБО-и Рогун”.*

- бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ;
- бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои онҳо;
- муҳайё намудани шароити муосири иҷтимоӣ, инфрасохторию коммуникатсионӣ ба аҳолие, ки аз минтақаи зериобмонии ҶСК “НБО-и Роғун” кӯчонида мешаванд;
- ташкил ва эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ (сехҳои қолинбофӣ, заргарӣ, косибӣ, оҳангарӣ ва ғайраҳо)

*Дар самти таъмини инфрасохтори муосир ва таҷдиди шабакаи обу ташноб.*

- таҷдид ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ;
- ташкил намудани хатсайрҳои мусофиркашонӣ аз маркази ноҳия то ҷамоатҳои дурдаст;
- кашидани хати интиқоли барқ ба маҳаллаҳои нави аҳолинишин;
- таъмири зеристгоҳҳои барқӣ;
- дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет;

- ташкили маркази интернетӣ барои аҳолӣ дар маркази ноҳия;
- таҷдиди шабакаи обу ташноб дар маркази ноҳия;
- ҳангоми сохтмони иншоотҳои баландошёна ба инобат гирифтани системаи шабакаи ташноб;
- бо оби полезӣ таъмин намудани заминҳои кишти деҳоти ноҳия;
- бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия.

*Дар самти фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии бахши хусусӣ ва фазои сармоягузорӣ.*

- ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорони маҳаллӣ;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- таъсиси маркази омӯзишӣ барои соҳибкорони маҳаллӣ ҷиҳати омода намудани бизнес-нақшаҳои сармоягузорӣ.

### 1.5. Афзалиятҳои асосӣ

- ба роҳ мондани хизматрасонии коммуналӣ дар сатҳи ҷамоати деҳот;
- фароҳам овардани шароити зист барои маҳаллаҳое, ки аҳолии онҳо аз минтақаи зериобмонии ҶСК "НБО-и Роғун" кӯчонида мешаванд;
- беҳтар намудани сифати хизматрасонии нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ;
- баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони ноҳия тавассути таҳкими хизматрасониҳои иҷтимоӣ.

### 1.6. SWOT-таҳлил

Таҳлили вазъияти умумии ноҳияи Нуробод тариқи таҳлили SWOT:

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| – Шароити мусоиди иқлим барои парвариши зироатҳои растанипарварӣ, моҳипарварӣ, боғдорӣ, рушди соҳаи чорводорӣ ва занбӯрпарварӣ;<br>– Мавҷуд будани захираҳои зиёди обӣ барои рушди соҳаи энергетика;<br>– Мавҷуд будани растаниҳои шифобахши кӯҳӣ ва ҷангалҳо;<br>Мавҷуд будани захираҳои озод ва арзони меҳнатӣ дар ноҳия;<br>– Шароити хуби ҷуғрофӣ ва табиати | – Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа;<br>– Мавҷуд набудани маблағ барои рушди соҳаи энергетика;<br>– Набудани корхонаҳои хурди коркарди ашёи хоми масолеҳи сохтмонӣ ва дорутайёркунӣ;<br>– Набудани ҷойҳои корӣ зарурӣ;<br>– Дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ; |

| | |
|---|---|
| ҷолиб барои рушди соҳаи туризм (этнографӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ).<br>– Мавҷудияти захираи ҷангалзорҳо, ангат ва хуч.<br>– Мавҷуд будани инфрасохтор.<br>– Мавҷуд будани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ; | – Сатҳи пастм хизматрасонии маишӣ;<br>– Дар минтақаи хафноки экзогенӣ қарор доштани қисмате аз ҳудуди ноҳия.<br>Тағйирёбии иқлим ва бадшавии вазъияти экологӣ (тағйирёбии экология); |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| – Бунёди НБО-ҳои «Нуробод-1» ва «Нуробод-2»;<br>– Сохтмони роҳи автомобилгарди Оби Гарм – Нуробод;<br>– Сохтмони роҳи автомобилгарди Лаби Ҷар – Сангвор;<br>– Пурра ба истифода додани агрегатҳои ҶСК “НБО-и Роғун”. | – Фаромадани тарма, сел, ярч ва сангрезӣ;<br>– Паст шудани ҳосилнокӣ ҳангоми рух додани офатҳои табиӣ ва пайдо шудани ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон;<br>– Таъсири бухрони иқтисодӣ ба рушди соҳаҳо. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯҲО АЗ РӮИ РУШДИ СОҲАҲОИ АСОСӢ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ муҳимтарин бахши афзалиятноки иқтисодиёт ва манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолии ноҳия мебошад.

Кишоварзӣ дар пешбурди иқтисодиёти ноҳия нақши муҳим дошта, рушду нумӯи минбаъдаи он ба ин соҳа марбут аст. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бештар ба парвариши ғалладонагӣ (аз ҷумла гандум, нахуд, ҷав), картошкапарварӣ, боғдорӣ, сабзаворкорӣ, зироатҳои техникӣ (моҳсар, зағер), чорводорӣ ва занбӯри асалпарварӣ шуғл доранд.

Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, мевагӣ, маҳсулоти чорводорӣ (гӯшт, шир ва фурӯши чорво) ва асал ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ ин хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хонаводаҳо мебошанд. Дар сохтори истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ 32,1 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 67,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 881 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ, 33 хоҷагии калони деҳқонӣ, 15 хоҷагии ҷамъиятӣ (ёрирасон) ва 9 642 хоҷагӣ-хонавода фаъолият мекунад.

***<u>Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.</u>***

Барои беҳтар намудани хизматрасонии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироат дар давоми панҷ соли оянда таъмин намудани хочагиҳои кишоварзӣ бо техникаи муосир афзалияти аввалия ба ҳисоб меравад.

***Истифодабарии заминҳо***. Майдони умумии ҳамаи заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ қарордошта (ба ҳолати 1 январи соли 2020)  73 фоиз ё 67669 гектар (аз ҷумла замини обӣ 2827 га) майдони умумии замини ноҳияро ташкил медиҳад (92797 га ва аз ин обӣ 2827 га), ки аз ин 3062 га замини корам (1513 га обӣ), 470 га дарахтони бисёрсола, 829 га замини алафзор ва 63308 га чарогоҳ ташкил медиҳад. Инчунин, дар сохтори майдони умумӣ 889 гектар замини хоҷагиҳои ёрирасон (122 га обӣ), 2727 гектар замини наздиҳавлигӣ (864 га обӣ), 1801 га ҷангалу бешазор ва боқимонда дигар заминҳо мебошад. Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 3062 гекарро замини хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳад.

Ба як нафар аз заминҳои корам 0,04 га ва обӣ 0,02 га рост меояд.

Дар натиҷаи бастани маҷрои оби дарёи Вахш зиёда аз 17 ҳазор гектар замини ҳудуди ноҳияи Нуробод, аз ҷумла 1345 га замини обёришаванда, 156 га боғ, 4782 га чарогоҳ ва 371 га замини наздиҳавлигӣ, 36 хоҷагии деҳқонӣ, 9 хоҷагии инфиродӣ 62 км роҳҳо (аз ин  3 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 59 км роҳи маҳаллӣ) ва қисман ҷамоатҳои Комсомолобод (9 деҳа), Ҳакимӣ (9 деҳа) зери обанбор мемонанд.

Соли 2019 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 4678 га замин кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки аз ин 1860,24 га ғалладонагиҳо ва лубиё, 996 га картошка, 359,94 га сабзавот, 275,689 га зироати техникӣ ва 1191,51 га зироатҳои хӯроки чорворо ташкил дод. Дар сохтори кишти зироатҳо майдони бештарро ғалладонагиҳо ва картошка ташкил медиҳад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар давоми панҷ соли охир беш аз 2,5 баробар, аз ҷумла соҳаи растанипарварӣ 2,8 маротиба ва чорводорӣ 2,3 маротиба зиёд мешавад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дурнамо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар панҷ соли оянда 16,5 фоиз, картошка  5,5 фоиз, сабзавот 7 фоиз ва ғалладонагӣ 4 фоиз афзоиш меёбад.

**Соҳаи сабзавоткорӣ** дар ноҳия баъд аз соҳаи картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои афзалятнок ба шумор рафта, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҷмӯии маҳсулоти кишоварзӣ накши муҳимро мебозад. Дар се соли охир ҳосили гирифташудаи сабзавотҳо аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокӣ ба маротиба афзуд. Сабзавоткорони ноҳия асосан ба истеҳсоли пиёз, бодиринг, помидор машғул мебошанд. Қисми асосии маҳсулоти истеҳсолшудаи сабзавот ба ноҳияҳои ҳамсоя ва минтақаҳои дигари Тоҷикистон содирот мешаванд.

Мушкилотҳои асосии соҳаи растанипарварӣ, паст шудани даромаднокӣ аз ҳисоби баланд шудани арзиши нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, заҳрхимикатҳо, баланд будани ҳаққи хизмати обрасонии хоҷагии давлатии об, номукаммалии системаи андозбандии заминҳои бо насос обёришаванда ва хоҷагиҳои навташкили деҳқонии инфиродӣ, фарсудагии техникаи кишоварзӣ, амалан ҷорӣ нашудани киштгардон; номукаммал будани танзими пардохти музди меҳнат дар сатҳи хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аз кор рафтани мутахассисони соҳибтаҷриба, дастрасӣ надоштан ба карзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат, махсусан барои харидани тухмии хушсифат, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, қисмҳои эхтиётӣ, набудани корхонаҳои замонавии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, гаронарзиш будани техникаҳои кишоварзӣ ва баланд будани фоизҳои хизматрасониҳои ташкилотҳои лизингӣ, набудани системаи ягонаи муборизаи кимиёвӣ дар сатҳи водии Рашт бар зидди ҳашаротҳои зараррасон, фарсуда гардидани системаи ирригатсионӣ ва эрозияи заминҳо ба шумор мераванд.





***Богдорӣ.*** Обу ҳавои мусоиди ноҳия барои парвариши дарахтони мевадиҳанда, хусусан нок ва себ мусоид мебошад. Майдони умумии

боғҳои мевадиҳанда 470 гектарро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол ҳосилнокии майдони боғҳои ноҳия кам шуда истодааст. Сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотҳои зикршуда, пеш аз ҳама номусоидии боду ҳаво мебошад. Ҳосили дарахтони мевадиҳанда аз шароити иқлим ва таъминот бо оби полезӣ вобастагӣ дорад. Дар соли 2020 дар ноҳия 15 га боғи нав бунёд шудааст. Дар давоми солҳои 2021-2025 боз бунёди 10 га боғ пешбинӣ шудааст.



Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур бо роҳи мутамарказонида ташкил накардани коркарди агрохимиявии боғҳо бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасон, норасоии техникаи махсус (коркарди кимёвии боғҳо) ва набудани корхонаҳои коркарди мева, бад будани ҳолати мелиоративии боғҳо ба шумор меравад.

***Обтаъминкунӣ.*** Дар шароити ноҳияи Нуробод масъалаи норасоии об яке аз масъалаҳои асосии ҳалталаб мебошад. Бо оби полезӣ таъмин намудан ва беҳтар гардонидани ҳолати заминҳо яке аз мушкилотҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад.

Дар самти таъминоти оби полезӣ муассисаи “Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ” фаъолият менамояд ва дар он 22 нафар кормандон кор мекунанд. Муассисаи мазкур ба маблағи 41300 сомонӣ бо муштариён шартномаи ҳамкорӣ дорад. Дар тавозуни муассисаи мазкур як адад мошинаи заминканак (экскватор) мавҷуд буда, дар ҳолати корношоямӣ қарор дорад. Ҳангоми зарурат техника бо тариқи шартномавӣ дастрас

карда мешавад. Обёрии заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо яке аз мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли он дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ, аҳамияти хоса дорад. Дар ноҳия 75 адад каналҳои обёрикунанда мавҷуд буда, аксарияти онҳо таъмирталаб гаштаанд.

Барқарорсозии каналҳо бо дарозии 6 км дар деҳоти И. Ҳалимов (Яхак-Юст) барои беҳтар намудани обёрии зиёда аз 85 га заминҳо.

Давом додани сохтмони канали «Зуманак» дар ҷамоати деҳоти И. Ҳалимов барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва обёрии зиёда аз 200 га заминҳо (15 км). Дар ноҳия зиёда 962 га замини обӣ тавассути насосҳои обкаш обёрӣ карда мешавад, ки аз сабаби корношоям шудани пойгоҳҳои обкашӣ беш аз 740 га замин дар мавсими обёрӣ ба оби полезӣ дастрасии пурра надоранд.

***Чорводорӣ.*** Маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар ноҳия 48,6 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзиро ташкил менамояд. Баъд аз тақсим гардидани хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ба хоҷагиҳои хурди инфиродӣ, даромаднокии истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи чорводорӣ асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ мебошад.

Дар ноҳия бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 34 332 сар чорвои калон, 110 641 сар бузу гӯсфанд ва 96 948 сар паранда мавҷуд аст, ки онҳо ба хоҷагиҳои аҳолӣ мансуб мебошад.

Дар ноҳия ҳамагӣ 6 нуқтаи бордоркунӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ноҳия Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ, як ташхисгоҳ ва се адад доруханаи байторӣ фаъолият мекунад. Чорводорони ноҳия барои нигаҳдории моли майда дар фасли зимистон ҷойи муайян надоранд.

Нуқтаҳои қабули пӯст ва пашми ҳайвонот дар ноҳия мавҷуд нест.



**<u>Занбӯри асалпарварӣ.</u>** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳия барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал ва истеҳсоли он зиёд карда шавад. Дар ноҳия ба рушди соҳа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Истеҳсоли асал аз 117,0 тоннаи соли 2017 ба 131 тонна дар соли 2020 расонида шудааст. Тибқи нақша солҳои 2019-2020 шумораи оилаи занбӯри асал ба 12 533 оила расонида шуд. Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.



Мушкилотҳои асосии соҳаи мазкур, набудани мутахассисони баландихтисос, системаи тайёр намудани занбӯрпарварон, норасоии оилаҳои занбӯрони хушзот, таҷҳизоти замонавӣ ва маводу дастурҳои таълимӣ мебошад.

**Бойторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводориро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.
Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), яшур, кирмҳои дарунӣ ва плевропневмонияи сироятӣ ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (сӯхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 9 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-100%).

Дигар мушкилот ин дар қаламрави ноҳия набудани чоҳи бэйкерӣ нуқтаи безараргардонии чорво (шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Бунёди нуқтаҳои безараргардонӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо техникаю технологияҳои муосир афзалияти аввала барои соҳа мебошад. Набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво дар ҳудуди ноҳия яке аз мушкилоти соҳа маҳсуб меёбад.

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда,

ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ, роҳҳои чорвогузар ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

## 2.2. Соҳаи саноат ва соҳибкории хурду миёна

**Саноат.** Дар ноҳия 4 корхонаи саноатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ, хишти пухта дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият мекунад. Инчунин дар ноҳия 8 осиёб, 6 ҷувози равғанкашӣ, 11 неругоҳи хурди барқии обӣ низ мавҷуд аст. Дар сохтори ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи зиёдро истеҳсоли хишти пухта ташкил медиҳад. Соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷорӣ 4,8 млн. сомониро ташкил дод.

Дар соли 2021-2025 бунёди 5 корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, қанодӣ, парандапарварӣ (барои парвариши 28 000 сар) ва хишти пухта (бо иқтидори 800,0 ҳазор дона хишт дар як сол) пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо зиёда аз 150 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода мешавад. Ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳо ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат мекунад.

**Соҳибкории хурду миёна.** Дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна муҳаррики асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷорати хурд (фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, доруворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (ошхона), пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, хизматрасонии интернетӣ), саққозанӣ ва ғайраҳо) ба роҳ монда шудааст.



Соли 2020 бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 14,3 фоиз дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар ташаккули даромади буҷет назаррас намебошад. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия фаъол намебошад.

***Имкониятҳои рушди соҳа.*** Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд, мавҷуд аст. Тасмим гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии мева, коркарди гӯшту шир ва пӯсту пашм фароҳам оварда мешавад.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия як адад филиали Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк» ва инчунин марказҳои хизматрасонии ҶСК “Ориёнбонк” 2-адад, ҶСП “Аввалин Бонки Молиявии Хурд” ва ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”фаъолият доранд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Барои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2020 ба 144 нафар соҳибкор ба маблағи 1 миллиону 985 800 сомонӣ

пешниҳод гардидааст, ки ин 151,4 фоиз нисбат ба соли 2019 зиёд мебошад.

**Мушкилоти асосие,** ки ҳоло дар ноҳия барои дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтани соҳибкории хурду миёна монеа эҷод менамоянд, аз омилҳои зерин иборат мебошанд:

1) набудани маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ ва бизнес, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани қарзҳо;
2) мураккаб будани низоми бақайдгирӣ бинобар ҷой доштани монеаҳои маъмурӣ;
3) набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занон.

## 3. Блоки иҷтимоӣ

### 3.1. Маориф

Маориф яке аз соҳаи муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

Дар давоми солҳои 2021-2025 ҳадафи асосии соҳаи маорифи ноҳия ин:

**1. То 99 фоиз фарогирии хонандагон ба таҳсилоти умумӣ ва то 4,0 фоиз фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ;**

*Дар баробари ин беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар деҳаҳои навбунёду дурдаст афзалияти аввалиндараҷа тайи панҷ соли оянда мебошад.*

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадаф ва афзалиятҳои гузошташуда дар панҷ соли оянда вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

1. Муҳаё намудани шароити хуби таълимӣ барои гирифтани *таҳсилоти босифат дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият;*

*2. Ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии омӯзгорон;*

*3. Таъмини таҳсилоти асосии умумӣ (синфҳои 1-9) ва пурра аз байн бурдани нобаробарии миёнаи ҷинсҳо дар маълумоти миёнаи умумӣ (сифҳои 1-11).*

*4. Омода намудани замина барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола.*

*5. Дар доираи талаботи стандарти таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо ҷои нишаст, воситаҳои айёнӣ ва техникии таълим, китобҳои дарсӣ ва омӯзгорони соҳибихтисос;*

Барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2021-2025 татбиқи чунин тадбирҳо дар назар аст.

- *бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ;*
- *барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва таъмин намудани онҳо бо оби тозаи нӯшокӣ;*
- *таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш, китобҳои тозанашр, техникаи компюторӣ ва дастурҳои методӣ ;*
- *таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос;*
- *барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ;*

Тайи солҳои 2021-2025 барои ноҳия соҳаи маориф дар қатори дигар аввалиятҳои на ҳамчун ҳадафи маъмулӣ, балки чун шарти рушди ояндаи ноҳия боқӣ монда, татбиқи самтҳои масоили дастрасӣ ба таълим ва сифати таълимро дар бар мегирад. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар панҷ соли оянда дар мадди аввал бояд ниёзмандии муассисаҳои таълимии ноҳия ба омӯзгорон таъмин карда шаванд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 6 нафар омӯзгор фанҳои мухталиф эҳтиёҷот доранд.

**Дараҷаи маълумотнокӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият**

| Сол | 2018-2019 | | 2019-2020 | |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз ин зан | Ҳамагӣ | аз ин зан |
| Олии омӯзгорӣ | 620 | 84 | 683 | 89 |
| Олии нопурра | 69 | 12 | 98 | 9 |
| Миёнаи махсуси омӯзгорӣ | 224 | 35 | 249 | 37 |
| Эҳтиёҷ ба омӯзгорон | 8 | | 4 | |
| **Ҳамагӣ** | 913 | 131 | 1030 | 135 |

Барои бартараф намудани норасоии кадрҳо дар тамоми муассисаҳои ноҳия ва бахусус омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ тибқи квотаи Президентӣ ҳамасола ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби хонандагони болаёқати ноҳия хонандагон қабул карда мешаванд. Дар панҷ соли минбаъда тавассути квотаи Президентӣ аз ҳисоби хонандагони ноҳия ба муассисаҳои мухталифи олии ҷумҳурӣ 110 нафар қабул карда мешавад.

**Таҳсилоти томактабӣ.** Дар ноҳия 2 муассисаи томактабӣ (бо шумораи умумии 150 ҷой) фаъолият мекунад, ки ин ҳамагӣ қариб 1,0 фоизи талаботи фарогирии кӯдаконро ба муассисаи томактабӣ таъмин мекунад.

Дар ноҳия интихоби муассисаҳои томактабӣ маҳдуд мебошад ва бахусус барои кӯдакони маъюб ин маҳдудият бештар ба назар мерасад. Муассисаи томактабии мавҷуда ба талаботҳои маъюбон қариб ҷавобгӯй намебошанд.

Ҷиҳати беҳтар намудани фарогирии кӯдакони синни томактабӣ дар назди 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 17 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдакон ташкил карда шудааст (бо фарогирии 412 нафар кӯдакон).

**Таҳсилоти миёна.** Дар ноҳия 85 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, аз ин 20 мактаби ибтидоӣ, 18 мактаби таҳсилоти асосӣ, 47 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 1-11), 1 адад муассисаи миёнаи касбӣ ва 1 адад мактаб интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим мебошад.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия идома надодани таҳсил баъди синфи 9 бахусус миёни духтарон ба назар мерасад. Инчунин, мушкилии дастрасӣ надоштан ба таълим байни оилаҳои камбизоат, муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯдакони маъюб бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ (набудани шароит барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ аз қабилӣ маводҳои омӯзишиию китобҳои таълимии мутобиқшуда, таҷҳизот, набудани муаллимони мувофиқ, мушкилоти инфрасохтории мактабҳо, кофӣ набудани буҷети оила барои харидорӣ намудани китобу маводҳои хониш) ба назар мерасад.

Барои беҳтар намудани сифати таълим дар давоми солҳои 2021-2025 бунёди муассисаҳоти таълимӣ, синфхонаҳои нав, аз таъмир баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ ба итмом расонидани бинои мактабҳои сохтмонашон нотамом, бунёди мактабҳои замонавии ба талаботи кунунӣ ҷавобгӯй ва таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизотҳои нав дар назар аст.

*Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.* Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 25 нафар хонанда як компютер рост меояд (аз рӯи меъёр 1 компютер барои 15 нафар талаба) ва онҳо ба шабакаи интернет пайваст нестанд.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия ба шакли маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд ва барои барои гузаштан ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола омодагӣ мегиранд.

**3.2. Соҳаи тандурустӣ**

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор бахши муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди устувори иктисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишварро таъмин менамояд.

Ҳадафҳои асосӣ барои соҳаи тандурустии ноҳия дар давоми солҳои 2021-2025 ин:

1. ***Коҳиш додани сатҳи фавти кӯдакон,***
2. ***Беҳбудии ҳифзи саломатии модарон,***
3. ***Мубориза ба муқобили бемориҳои сироаткунанда,***
4. ***Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ*** *маҳсуб меёбад*

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

1. *Коҳиш додани сатҳи фавти тифлони аз 0 то 5 сола;*

2. *Коҳиш додани нишондиҳандаи фавти модарон;*

3. *То соли 2025 гирифтани пеши роҳи паҳншавии бемориҳои сироатӣ ва коҳиш додани дараҷаи беморшавӣ дар ноҳия.*

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда тадбирҳои зерин дар давоми солҳои 2021-2025 амалӣ карда мешаванд:

- *бунёду барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот;*
- *бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруворихо таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия;*
- *ба воситаҳои пешгирикунадаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;*
- *зиёдкунии мутаносибии ДОТС;*
- *дар сатҳи ноҳия пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;*
- *ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМБ дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон;*

- *ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бекичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола;*
- *коҳиш додани камхунӣ миёни занҳои ҳомиладор ва як маротиба зиёд намудани занҳои таваллудкунанда дар шароити муассисаҳои тиббӣ нисбат ба шароити хона;*
- *таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (бахусус дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна.*

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳимми беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар ноҳия мебошанд. Дар ноҳия нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 68-70 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 60-68 сол ва барои занон 65-70 сол.

Новобаста аз он, ки солҳои охир дар самти беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, вале дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ мушкил боқӣ мемонад. Ин монеа, махсусан миёни одамоне, ки дар деҳот ва маҳаллаҳои дурдаст аз муассисаҳои тиббӣ зиндагӣ доранд, инчунин оилаҳои камбизоату муҳоҷирон ва шахсони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад.

Дастрасӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд (маъюбон) махсусан душвор аст, зеро инфрасохтори муассисаҳои тиббии кунунӣ барои онҳо мутобиқ нашудааст. Дар баробари ин, дастрасии молии хизматрасониҳои тиббӣ ҳам мушкилии умда маҳсуб мешавад. Хароҷотҳои ғайрирасмии тиббӣ (тарифҳои гарони хизматрасониҳои тиббӣ) дар афзоиши таваллуд дар шароити хона, пинҳон доштани бемориҳои сирояткунада ва сари вақт муолиҷа нашудани беморон таъсири манфии худро мерасонад. Мушкилиҳои ҷойдошта боиси коҳишёбии нишондиҳандаҳои солимии модарон дар ноҳия гардидааст. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал ва камбизоатии занон мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ вазифаи муҳими ноҳия дар се соли оянда буда, ҳадафи асосии он дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мебошад.

**Шумораи таваллуд ва фавти кӯдакон (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занони давраи ҳомиладориро анҷомдода | 2118 | 2099 | 2133 | 1950 |
| Дар муассисаҳои тиббӣ | 1258 | 1136 | 1335 | 1456 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 59,5 | 54,1 | 62,5 | 74,6 |
| Дар шароити хона | 860 | 963 | 798 | 494 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 40,5 | 45,9 | 37,5 | 25,4 |
| Камхунӣ | 1173 | 1027 | 1021 | 972 |
| Фавти кӯдакони 1 то 5 сола (ба 1000 зиндатаваллуд) | 11 | 6 | 9 | 8 |
| Бо ҳисоби (%%) | 5,1 | 2,8 | 4,2 | 4,1 |
| Фавти кӯдакони аз 0 то 1 сола (ба 1000 з/т, шумораи ҳодисаҳо) | 33 | 19 | 27 | 24 |
| Бо ҳисоби (%%) | 15,5 | 9,0 | 12,6 | 12,3 |
| Фавти модарон (ба 100,0 ҳазор зиндатаваллуд) | 1 | - | 1 | 1 |
| Бо ҳисоби промилле (%%) | 47,2 | - | 46,8 | 51,2 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки бинобар сабаби дар ноҳия мавҷуд набудани сохтори инкишофнаёфтаи муассисаҳо оид ба репродуктивӣ, ки ёрии педиатрӣ мерасонад, дастрасӣ ба ҳифзи саломатии навзодон, кӯдакон ва наврасон кофӣ нест. Сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5 сола дар ноҳия баланд боқӣ монда, соли 2020 нисбати соли 2018 ба андозаи 2,0 ҳодисаи фавти кӯдакони ин синну сол зиёд шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сабаби фавти модарон ва кӯдакон сифати бади хизматрасониҳо дар давраҳои антенаталӣ, ҳомиладорӣ ва бадиҳомиладорӣ мебошад. Коҳиш додани фавти кӯдакон ва наврасон ҳадафи асосӣ дар давоми солҳои 2021-2025 барои соҳа мебошад.

Дар ноҳия шумораи гирифтории бемории камхунӣ ва ҷоғар байни занҳои таваллудкунанда ба назар мерасад ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар, кӯдак, мурдатаваллуд).

Сабаби зиёд шудани бемориҳои камхунӣ, норасоии оҳан ва ҷоғар ин саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои хатарноки

ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии оилаҳо мебошад. Ҳадафи асосии соҳа тайи солҳои минбаъда андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани бемориҳои гирифтори камхунӣ, ҷоғар баланд бардоштани иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва коҳиш додани сатҳи кабизоатӣ дар миёни занҳои ҳомила мебошад.

Дар панҷ соли оянда вазифаи асосии бахши тандурустӣ ба андозаи аз чор ду ҳисса кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон ва ба андозаи аз се як ҳисса кам кардани сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5 сола мебошад.

***Бемориҳои паҳншуда.*** Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии ноҳия ин фишорбаландӣ, узвҳои нафаскашӣ, шадидии роҳи нафас, зуком, илтиҳоби шуш, бемориҳои дил, диабети қанд, саратон, ҷоғар, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола) дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендисит, санги талха ва гурда мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва дониши тиббии аҳолӣ, камбизоатӣ, инфрасохтори инкишофнаёфтаи соҳати тандурустии ноҳия ва дигар омилҳо мебошад.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои кишвар дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор буда, ба коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда равона гардидааст

**Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ**

| **Намуди бемориҳои сироятӣ** | **Воҳид** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | нафар | 49 | 47 | 43 |
| аз рӯи промилле (ба 10 ҳазор аҳолӣ) | %% | 5,9 | 5,8 | 5,7 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | нафар | 33 | 50 | 20 |
| (ба 10 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 3,2 | 6,2 | 2,8 |
| Бруселёз | нафар | 19 | 23 | 13 |
| (ба 10 ҳазор аҳолӣ) | %% | 2,4 | 2,8 | 1,8 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Гепатит А | нафар | 28 | 55 | 10 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 55,1 | 68,3 | 13,8 |
| Гелминтоз | нафар | 24 | 42 | 40 |
| (ба 10 ҳазор аҳолӣ) | %% | 2,7 | 5,2 | 5,1 |
| Бемории ВМНО/БНММ (ВИЧ/СПИД) | нафар | 41 | 47 | 50 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | (ҳаз. н) | | | |

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, гелментоз, гепатит, бурселёз кам гардида, бемории ВМНО/БНММ (аз ҷумла, 3 нафар дар соли 2020) зиёд шудааст. Зиёд шудани бемориҳои ВМНО/БНММ дар ноҳия ташвишовар мебошад. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин саривақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ аст.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳияи Нуробод аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

**Муассисаҳои тиббӣ**

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | Маркази саломатии ноҳиявӣ -1 |
| | Марказҳои саломатии деҳотӣ- 10 |
| | Бунгоҳи тибби -31 |
| Хадамоти бистарӣ | Беморхонаи маркази ноҳиявӣ (114 кат) |
| | Беморхонаи минтақавӣ (60 кат) |
| Марказҳои тибби махсус | Маркази ташакули ҳаёти солим-1 |
| | Маркази танзими оила ва солимии репродуктивӣ |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона-1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ-1 |
| Дигар хадамот | Хадамоти давлатии назорати санитари эпидимеологӣ-1 |
| | Ёрии тибби таъҷилӣ-1 |

Таҷҳизотҳои мавҷудаи муассисаҳои тандурустии ноҳия фарсудаю корношоям гардидаанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир аз ҷумла, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез ва дигар таҷҳизотҳои лозима вазифаи аввалиндараҷа аст. Илова бар ин, дар деҳаҳои Оби борик, Пандовчии таги ағба, Пандовчии сари дашт, Ҳакимӣ, Хумдон ва Гардангаи ноҳия бунгоҳҳои тиббӣ дар хонаҳои истиқоматӣ ва мактабҳо ҷойгир мебошанд.

Бинобар ин, барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар чор соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур аст. *Аз ҷумла:*

- *беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ;*
- *набудани автоклави мутамарказонидашуда (фарсуда);*
- *бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ;*
- *набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия (дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез, дастгоҳҳои анализатори биохимиявӣ, ИФА ва ғайра).*

Муассисаҳои тиббии ноҳия аз нарасидани кормандони тиб, бахусус табибони маълумоти олидор танқисӣ мекашанд. Муассисаҳои тиббии ноҳия дар маҷмӯъ ба 40 нафар духтур ниёз доранд, ки аз ин 20 нафар табибони оилавӣ мебошад.

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ

**Ҳолати воқеии соҳа.** Соҳаи иҷтимоии ноҳия бахшҳои суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, ҳуқуқи кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоатро дар бар мегирад.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Шумораи нафақахӯрон аз рӯи таснифот (нафар)***

| | **Солҳо** |
|---|---|

| **Гурӯҳи осебпазир** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 3601 | 3626 | 3618 |
| Маъюбон | 576 | 649 | 668 |
| аз ҷумла: *маъюбони модарзод* | 322 | 336 | 360 |
| *маъюбони то синни 18 сола* | 135 | 141 | 156 |
| Бесарубонмондагон | 249 | 252 | 243 |
| **Ҳамагӣ:** | **4883** | **5004** | **5045** |
| Оилаҳои камбизоат | 1646 | 1703 | 1925 |

Аз шумораи умумии нафақахӯрон 66,0 фоизи нафақахӯрони аз рӯи синну сол, 12,2 фоиз маъюбон, 6,6 фоиз маъюбони модарзод, нафақагирони иҷтимоӣ ва 4,43 бесаробонмондагон мебошанд. Шумораи кӯдакони маъюб тайи солҳои охир 4,8 фоиз зиёд шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таваллуд шудани маъюбони модарзод дар бисёр маврид аз ҳисоби никоҳи хешутаборӣ мебошад. Дар доираи Барнома тайи солҳои 2021-2025 корҳои таблиғотӣ байни аҳолӣ ба роҳ монда шуда, ба саломатии физиологӣ ва равонии аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Инчунин тайи солҳои минбаъда таъмини маъюбон бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (ассо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) дар назар аст (талабот 28 нафар ба курсӣ аробачаҳои маъюбӣ, 55 нафар ба асобағал 38 нафар бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва 45 асои нобиноӣ ).

Дар ноҳия 45 нафар кӯдакони маъюб аз сабаби набудани шароит ба муассисаҳои таҳсилоти дастрасӣ надоранд. Барои ташкили маълумоти фарогир (инклюзивное образование) дар солҳои минбаъда мутахассисони соҳибтахассусро дар заминаи макотиби олии кишвар аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ омода намуда, муассисаҳои таҳсилотии ноҳияро бо онҳо таъмин намудан лозим аст.

***Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.*** Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои будубоши доимӣ фиристодани онҳо мебошад.

Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб дар миқёси ноҳия таъсис додани “Шӯрои ҷамъиятии оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон” мувофиқи мақсад мебошад.

***<u>Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират</u>.*** Дар ноҳия шӯъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият дорад, ки дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо дарназардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро ташкил намуда, таҳлили ҳолат ва ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кори доимӣ тайи солҳои 2021-2025 бо назардошти ба кордарории иқтидорҳои маҳаллӣ, бунёди корхонаҳои нав, бунёди боғу токзорҳои нав, обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ зиёда аз 1,2 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Дар ноҳия шумораи зиёди бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонанишин мебошанд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат (40,0 ҳазор нафар) танҳо 50,1 фоиз дар ташкилоту корхонаҳо ба кор машғулбуда, 13,5 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 36,4 фоизро бекорон ташкил медиҳад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия ба шумор меравад. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ аз сабаби набудани сохтори дахлдори хадамот аниқ ба ҳисоб гирифта намешавад. Тақрибан зиёда аз 5 344 нафар нафар аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати бурунмарзӣ мебошанд, ки аз ин 275 нафар зан мебошад. Соли 2020 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳиявӣ 9,5 млн. доллари ИМА пул ворид гаштааст, ки дар ҳолати самаранок истифода намудани маблағи воридгардида, метавонад ба иқтисодиёти ноҳия мусоидат намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия тайи солҳои 2021 - 2025 мавриди ҳал қарор мегирад, ин ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2020-2023 ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия кӯчонидани 36 оила ба дигар минтақаи ноҳияи Нуробод пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ ва таъсис додани ҷойи нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2020 ба андозаи 136 ҳазор сомонӣ ба бекорон қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст, ки ва дар давоми солҳои 2021-2025 низ қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои бекорон пешбинӣ шудааст.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия ба шумор меравад.

**3.4. Соҳаи фарҳанг**

Дар ноҳияи Нуробод 35 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 23 китобхона (дорои 57 977 ҳазор адабиётҳои гуногун), 1 қасри фарҳанг, 2 осорхона, 5 хонаи фарҳангӣ ва 4 клуб фаъолият мекунад. Инчунин дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 3 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳия 8  китобхона ба таъмир низ ниёз доранд. Ҳамчунин муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани мизу курсӣ, асбобҳои мусиқию навозандагӣ, баландгӯякҳо, сарулибоси саҳнавӣ, сарояндагӣ, рассомӣ, рафҳои китобмонӣ, адабиётҳои тозанашр ва таҷҳизоти компютерӣ танқисӣ мекашанд.

## БОБИ 4. РУШДИ ИНФРАСОХТОР

**4.1. Таъмини оби нӯшокӣ ва масъалаҳои корезӣ**

Афзалияти аввалиндараҷа барои ноҳия ин таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳтар сохтани дастрасии аҳолӣ ба оби ошомидании хушсифат мебошад. Зеро дар шароити кунунӣ танҳо 78,0 фоизи аҳолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин буда, ба сифати манбаъҳои асосии оби нӯшокӣ 38,0 фоиз аҳолии ноҳия аз чашмаҳо, 8,0 фоиз аз чоҳҳо, 25,0 фоиз аз ҳавзу дарёҳо, кӯлҳо, ҷӯйҳо ва наҳрҳо, 10,0 фоиз аз хатҳои оби берун аз хона ва 19,0 фоиз аз хатҳои оби марказонидашуда истифода мебаранд.

Масъалаи бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия ба зиммаи КВД «Об ва канализатсия»-и ноҳияи Нуробод вогузор шудааст. Корхонаи мазкур дар маркази ноҳия дар шаҳраки Дарбанд ҷойгир буда, ба аҳолии шаҳраки Дарбанд ва маркази ҷамоати Комсомолобод (деҳаҳои Чанор, Қалъанак, Шашволон ва Сайдон), ки дар онҳо ҷамъ 15958 нафар истиқомат менамоянд, ҷиҳати таъминоти оби тозаи нӯшокӣ хизмат мерасонад. Аммо, корхона қобилияти танҳо ба 21,0  фоиз аҳолии ноҳия дастрас гардонидани хизматрасониҳои обтаъминкуниро доро

буда, аз ин шумора танҳо 6365 нафар ва ё 7,4 фоизи онҳо ба шабакаи обтаъминкунии марказонидашуда пайваст мебошанд.

**Ҳолати таъминоти оби тозаи нӯшокӣ дар соли 2020**

| Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд (%) |
|---|---|---|
| Шаҳраки Дарбанд | 2890 | 46 |
| Комсомолобод | 14712 | 70 |
| Ҳакимӣ | 14287 | 88 |
| Хумдон | 13591 | 50 |
| Муҷихарф | 16944 | 60 |
| Сафедчашма | 8605 | 65 |
| Иззатулло Ҳалимов | 9491 | 68 |
| Ҷамъ | 80 520 | 78 |

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки аз ҳама ҳолати ғайриқаноатбахши таъминоти оби нӯшокӣ дар Ҷамоати шаҳраки Дарбанд ба назар мерасад. Аз шумораи умумии аҳолии ҷамоат танҳо 46 фоизи он бо оби нӯшокӣ таъмин буда, аҳолии боқимонда аз оби чашмаҳои кӯҳӣ истифода мебаранд. Ҳолати мазкур боиси шиддатнок гаштани муносибатҳои иҷтимоии аҳолии чамоати номбурда гардидааст. Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур сохтмони иншооти хати оби нӯшокии мавзеи Шолидара-Дарбанд ба дарозии 14 км оғоз шудааст, ки дар ҳолати ба истифода додани он аҳолии шаҳрак пурра ба оби нӯшокӣ таъмин мешавад.

Дарозии умумии қубурҳои обгузари ноҳия 26,3 км-ро ташкил дода, 3,4 км он дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

Иқтидори лоиҳавии шабакаҳои обтаъминкунии ноҳия 5,9 ҳазор $м^3$ дар як шабонарӯз мебошад. Талаботи аҳолии маркази ноҳия бо оби нӯшокӣ 25,0 ҳазор $м^3$ дар як шабонарӯз мебошад, вале мутаассифона ҳамагӣ дар як шабонарӯз бо 11,5 ҳазор $м^3$ оби нӯшокӣ таъмин карда мешавад, ки ин 46,0 фоизи талаботи умумиро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, талафоти шабонарӯзии об дар шабакаҳои обрасонии ноҳия 17,0 фоизро ташкил дода, аз меъёри муқарраргардида хеле зиёд мебошад. Яке аз сабабҳои асосии талафоти аз меъёр зиёди об ин куҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обгузар мебошад. Дар давоми панҷ соли минбаъда бо ҷалби сармояи хориҷӣ (беш аз 1,0 млн. долл. ИМА) барқарорсозии шабакаи марказонидашудаи обрасонии маркази ноҳия оғоз мегардад.

Мувофиқи «Барномаи беҳтар намудани вазъи таъминоти аҳолии маркази ноҳияи Нуробод бо оби нӯшиданӣ барои солҳои 2007-2020» дар маркази ноҳия марҳила ба марҳила сохтмони хати оби нӯшокӣ амалӣ

гардид. Дар доираи барномаи мазкур хатти оби нӯшокии Ғузе-Дарбанд 8,0 км дар деҳаи Сайдон 4,0 км, Ёфуч 4,0 км, Таги камар 6,0 км, Истон 5,8 км, Себак 2,0 км, Сари-қош 5,0 км, Оби-лурд 7,0 км Улатобод 5,0 км Хуҷаи-мурод 1,8 км, Яхч 2,8 км, амалӣ карда шуданд.

Сабаби дар зери назорат, таъмин ва истифодабарии КВД «Об ва канализатсия»-и ноҳияи Нуробод қарор надоштани иншоотҳои обтаъминкунии ҷамоатҳои деҳоти Ҳакимӣ, Муҷихарф, Иззатулло Ҳалимов, қисман Комсомолобод ва Хумдон дар он аст, ки хатҳои оби нӯшокӣ, асосан аз ҷониби аҳолӣ сохта шудаанд ва таъмиру нигоҳубини онҳо низ ба зиммаи худи онҳо гузошта шудааст.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ноҳия ба назар мерасад, ин пардохт нагардидани ҳаққи истифодаи об мебошад. Тибқи маълумоти дастрасшуда 43,0 фоизи аҳолии ноҳия маблағи оби истифодабурдаашонро пардохт наменамоянд. Маблағ барои таъмир ва нигоҳубинӣ хатҳои оби нӯшокӣ сари вақт ҷамъ оварда намешавад ва ин омил ба пеш аз муҳлат фарсуда шудани иншоотҳои обтаъминкунӣ оварда мерасонад.

Дар давоми солҳои 2018-2020 тибқи “Барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” корҳои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои таъминоти об, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ пешбинӣ гардида буд. Маблағгузории чорабиниҳои мазкур дар тӯли солҳои 2016-2020, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути КВД «Об ва канализатсия» амалӣ гардиданд. Тибқи Барномаи мазкур барои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 7,0 млн. сомонӣ (аз ҷумла, бо тақсимоти ҷамоатҳо: шаҳраки Дарбанд, Комсомолобод, Ҳакимӣ, Хумдон, Муҷихарф, Сафедчашма ва Иззатулло Ҳалимов) пешбинӣ иҷро карда шудааст. Амалӣ гардидани чорабинии мазкур, масъалаи таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ ҳалли худро дар сатҳи зарурӣ ёфтааст.

### 4.1.2. Мушкилоти асосӣ

- нарасидани техника, нақлиёти махсус ва лавозимоти корӣ дар КВД «Об ва канализатсия»-и ноҳияи Нуробод;
- мавҷуд набудани ташхисгоҳи оби нӯшокии безараргардонидашуда;
- ҳолати ғайриқаноатбахши хатҳои обтаъминкунии маҳаллаи маркази аҳолинишини шаҳраки Дарбанд, ки солҳои 1986 сохта шудааст;

- набудани сохтори алоҳида вобаста ба нигоҳдорӣ ва таъмини истифодабарии самараноки шабакаҳои оби нӯшокӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот.

**4.1.3. Вазифаҳои асосӣ**

- ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ;
- аз такшинҳо пурра тоза намудани ҳавзҳои обҷамъкунии ноҳия;
- беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ;
- таҷдид ва барқарорсозии шабакаҳои нави обтаъминкунӣ дар ноҳия;
- кам намудани талафоти об тавассути васл намудани обченкунакҳо,
- азнавсозӣ ва таҷдиди иншоотҳои ташноб.

**4.1.4 Тадбирҳои асосӣ**

- гузаронидани хатҳои оби тозаи нӯшокӣ ба маҳаллаҳои нави аҳолинишин;
- пурқувват намудани заминаи моддию техникии КВД «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»;
- таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ, таъмири чоҳҳо ва қубурҳои мавҷуда дар ҷамоатҳои ноҳия;
- бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оиди истифодаи оқилона ва самараноки оби нӯшокӣ;
- таъсис ва барқарорсозии пойгоҳҳои насосӣ ва иншоотҳои обтозакунии ноҳия.

**4.2. Коркарди партовҳои сахти маишӣ**

**4.2.1. Ҳолати кунунӣ**

Коркарди партовҳои сахти маишӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» буда, хизматрасонии мазкур дар ноҳия ба зиммаи КФД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Нуробод вогузор шудааст. Фаъолияти корхона танҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ ва ҷамъоварии ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ аз муштариён ба роҳ монда шудааст.

Бинобар ин, ҳадафи асосии корхона дар давоми панҷ соли оянда васеъ намудани доираи хизматрасонии рифоҳӣ ба аҳолии ноҳия ва дар ин замина афзалияти аввалиндараҷа ин сохтмони иншооти пасобтозакунӣ ва 3,0 км хати ташноб мебошад.

Дар сатҳи ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардану безарар намудани партовҳои сахту маишӣ мушкилии зиёдро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳо таъсис додани муассисаи коммуналӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар доираи Барномаи мазкур то соли 2025 таъсис додани корхонаи рифоҳӣ ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ба назар гирифта шудааст.

Ба ҳар ҳол корхонаи мазкур ба 1700 муштарӣ барои ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ хизмат мерасонад ва ҳамагӣ бо 34 корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо оид ба баровардани партовҳои сахти маишӣ дар деҳаи Мазори Сир ва шаҳраки Дарбанд шартнома дорад.

Барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ автомашинаи тамғаи Газ -53 ва автомашинаи обпошии тамғаи Зил-130 фаъолият мекунад, ки ҳолати техникии онҳо хеле фарсуда буда, қариб аз фаъолият бозмондааст. Шумораи автомашинаҳо барои ба аҳолии ноҳия ва шаҳраки Дарбанд пурра хизмат расонидан нокифоя мебошад. Барои дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот дастрас гардонидани хизматрасониҳои коммуналӣ, муассиса шароит надорад, зеро масофаи роҳ дароз буда, теъдоди автомашинаҳои мавҷуда кам буда, сӯзишворӣ низ намерасад.

Партовгоҳи ноҳиявӣ низ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, барои бунёди панҷараи иҳотавӣ ва маҳкам намудани атрофии партовҷой 10,0 ҳазор $м^2$ панҷараи симин ва пояи бетонӣ зарур мебошад.

**4.2.2. Мушкилоти асосӣ**

- ба талабот мувофиқ набудани партовгоҳи марказонидашудаи дар деҳаи Мазори Сир барои партовҳои сахти маишии шаҳраки Дарбанд ҷудогардида;
- норасогии қуттиҳои партовҷамъоварии кӯчагӣ;
- фарсуда шудани хатҳои ташноби маҳаллаи 1-и шаҳраки Дарбанд;
- корношоям будани техникаву воситаҳои нақлиёти хизматрасонии муассисаи КФД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳия;
- хизматрасонии маҳдуд оид ба ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ;
- ба таври зарурӣ ва сари вақт таъмир нагаштани системаҳои коммуникатсионии хонаҳои истиқоматӣ аз ҷониби соҳибмулкон;
- паст будани ҳамкорӣ миёни истиқоматкунандагон ва сохторҳои маҳаллии коммуналӣ.

**4.2.3. Вазифаҳои асосӣ**

– ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ;
– таъмин намудани корхонаҳои коммуналии соҳа бо техникаҳои махсуси коммуналӣ;
– мунтазам ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни аҳолии маркази ноҳия ва ҷамоатҳои он оид ба қоидаҳои тоза нигоҳ доштани саҳни хонаҳои истиқоматӣ ва муассисаҳои давлатӣ.

### 4.3. Таъмини барқ

#### 4.3.1. Ҳолати кунунӣ

Шабакаҳои барқии ноҳияи Нуробод соли 1970 бунёд гардида, ба шабакаи минтақавӣ таaллуқ доранд ва дар он 36 нафар кормандон фаъолият менамоянд, ки аз он 8 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Корхона барои аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳои шаҳраки Дарбанд ва ҷамоатҳои ноҳияи Нуробод хизмат мерасонад.

Дар мувозинаи шабакаи зикргардида 5 зеристгоҳи барқии дорои иқтидори 110 кВт ва 1 зеристгоҳи барқии дорои иқтидори 35 кВт қарор дорад. Дар ноҳия дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 110 кВт – 88 км, дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 35 кВт – 21,9 км, дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 10 кВт – 248,7 км ва дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 0,4 кВт – 485,7 км-ро ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар ҳудуди ноҳия 12 адад нерӯгоҳҳои барқию обии хурд бо иқтидори 465 кВт/соат мавҷуд мебошад. Бо сабаби аз байн рафтани лимити қувваи барқ дар ҳудуди ноҳия нерӯгоҳои мазкур фаъолият намекунанд.

Дар ҳудуди шабакаҳои барқии ноҳияи Нуробод 298 адад КТП-и шидаднокии гуногун мавҷуд буда, аз он 11 ададаш бо сабабҳое, ки аҳолӣ ва хочагиҳои навбунёде, ки сохтмон карда истодаанд бояд дар трансформаторҳои мавҷуда пайваст намудан лозим меояд, ки шидатнокиашон дар трансформаторҳои 250 ва 400 кВт ҷавобгуй намебошанд, бинобарон иваз намудани трансформаторҳо зарур мебошад. Аз 5 зеристгоҳҳои мавҷуда, 23 адад ҷудокунакҳои онҳо дар ҳолати корношоямӣ қарор доранд.

Дар идораи барқи ноҳия 8938 муштарӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳамаи онҳо бо ҳисобкунакҳои барқӣ таъмин мебошанд.

Истифодаи қувваи барқ дар фасли сармо бештар ба назар мерасад, ки боиси аз кор баромадан ва тез фарсуда шудани трасформаторҳо, хатҳои барқ ва шабакаҳои тақсимотӣ мегардад. Ин ҳолат махсусан дар

фасли сармо зиёдтар ба амал меояд. Дар натиҷа аҳолӣ аз оташдонҳое, ки бо ангишту ҳезум гарм карда мешавад, истифода мебаранд.

Дар доираи татбиқи «Барномаи дарозмуддати бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2007-2020» дар ноҳияи Нурободи дар ҷамоатҳои Муҷихарф ва Ҳакимӣ сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обии Шодмонӣ 1, Шодмонӣ 2 ва Сияҳгулак бо иқтидории умумии 134 кВт/с аз ҳисоби сармоягузорони ватанӣ сохта ба истифода дода шуд ва ҳолати барқтаъминкунии то 300 нафар аҳолиро беҳтар намуд.

**Нишондиҳандаҳои дурнамо оид ба татбиқи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2007-2020» ва мавзеъҳои чойгиршавии ҷуғрофиашон мувофиқ барои сохтмони НБО-и хурд дар ноҳияи Нурободи**

| № | Номгӯи мавзеъҳои интихобшуда | Баландшавии резиши об, м. | Миқдори оби ҷоришаванда, м³/с |
|---|---|---|---|
| 1. | **Ҷамоати Муҷихарф** | | |
| | – Қалъанак (600 КВт) | 100,0 | 0,1 |
| | – Шодмонӣ (600 КВт) | 125,0 | 0,8 |
| 2. | **Ҷамоати Комсомолобод** | | |
| | – Себак (40 КВт) | 55,0 | 0,3 |
| | – Лангар (30КВт) | 38,0 | 0,1 |
| | – Шашволон (183 КВт) | 70,0 | 0,4 |
| | – Сайдон (30 КВт) | 65,0 | 0,4 |
| 3. | **Ҷамоати Самсолиқ** | | |
| | – Кабутиён (30 КВт) | 40,0 | 0,1 |
| | – Деҳи Таг (20 КВт) | 30,0 | 0,1 |
| | – Улфатобод (30 КВт) | 35,0 | 0,1 |
| 4. | **Ҷамоати Хумдон** | | |
| | – Оби Лурд (50 КВт) | 150,0 | 0,2 |
| 5. | **Ҷамоати Ҳакимӣ** | | |
| | – Ҳасандара (1000 КВт) | 65 | 0,4 |
| | – Сари пулак (300 КВт) | 45 | 0,3 |
| | – Сафедорон (200 КВт) | 75 | 0,4 |
| | – Ҷавчӣ (200 КВт) | 70 | 0,3 |
| 6. | **Ҷамоати Иззатулло Ҳалимов** | | |
| | – Рубот (40 КВт) | 100,0 | 0,2 |
| | – Гирдов (40 КВт) | 100,0 | 0,2 |

### 4.3.3. Мушкилоти асосӣ

- корношоям будани симчӯбҳо ва зарурияти иваз намудани онҳо дар хатҳои баландшиддати барқии 10 кВ ба масофаи 122 км ва дар хатҳои барқии 0,4 кВ ба масофаи 126 км;
- нокифоягии шумораи мавҷудаи трансформаторҳо;

– бехтар намудани заминаи моддиву техникии корхонаи «Шабакаи барқтаъминкунии ноҳияи Нуробод».

**4.3.3. Вазифаҳои асосӣ**

– Мустаҳкам кардани базаи моддию техникии Шабакаи барқтаъминкунии ноҳияи Нуробод;
– иваз намудани симчӯбҳои фарсудашуда;

**4.4. Нақлиёт ва роҳ**

**4.4.1. Ҳолати кунунӣ**

Робитаи ноҳия ба маркази ҷумҳурӣ, ноҳияҳои ҳамсоя ва марзи Ҷумҳурии Қирғизистон ба воситаи роҳи автомобилгарди Душанбе–Нуробод-Лахш сурат мегирад. Дар ноҳия алоқаҳои нақлиётию иқтисодии дохилӣ ва берунӣ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро шабакаи роҳҳои маҳаллӣ мебозад, ки талаботро дар кашонидани борҳои хоҷагиҳои алоҳида иҷро менамояд.

Соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар ин соҳа зиёда аз 3110 автомобилҳо, аз ҷумла 214 адад автомобилҳои боркаш, 7 адад микроавтобусҳо ва зиёда аз 2889 адад нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд ва талаботи ноҳияро дар ин самт то ҳадде қонеъ мегардонад.

Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ба фаъолияти роҳдорӣ машғул буда, он тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаи мазкур соли 1942 ташкил шудааст ва то имрӯз фаъолият дорад. Дар айни замон дар муассиса 40 нафар кормандон кор мекунанд.

Дар тавозуни Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Нуробод 161,5 км роҳҳо мавҷуд мебошад, ки аз он 56,0 км роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ дошта, 14,5 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 91,0 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта мебошанд.

Дар маркази ноҳияи Нуробод сохтмони роҳҳои дохилии шаҳраки Дарбанд идома дорад ва дар сурати ба итмом расонидани он дарозии роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта зиёд мешавад.

Роҳҳои байнихоҷагии ноҳия 130,5 км-ро ташкил дода, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор доранд. Айни замон, пулҳои мавҷуда ба меъёрҳои роҳсозӣ ҷавобгӯ буда, то инҷониб 5 кӯпруки аҳамияти байналмилалию

ҷумҳуриявӣ дошта ба дарозии 134,7 метри тӯлонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳолати пулҳои дигари мавҷуда дар ҳолати қаноатбахш қарор дошта, мунтазам аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашуда ва сармояи хориҷӣ тармиму таҷдид мегарданд.

**Роҳҳои ноҳияи Нуробод аз рӯи намуди болопӯш**

| Намуди фарши роҳ | Воҳиди ченак | Дарозии умумӣ |
|---|---|---|
| Бо болопӯши сахт (бетону мум) | км | 65,0 |
| Бо болопӯши мукаммал (сангчолу грунтовка ва ғайра) | км | 227 |
| **Ҳамагӣ роҳҳои автомобилгарди ноҳия** | **км** | **292** |

Роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи ноҳия соли 1940 сохта шудааст ва аз километри 86,5 шаҳраки Оби Гарм то километри 142,5 деҳаи Сари Қоши марзи ноҳияи Рашт тӯл мекашад.

Дар ҳудуди ноҳия 28 адад кӯпрук (ба дарозии 677,5 метри тӯлонӣ мавҷуд мебошад, ки аз он 14 ададаш аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 14 адади дигар аҳамияти маҳаллӣ дошта мебошанд) ва 158 адад қубурҳои обгузар бо дарозии 1259 метри тӯлонӣ (эҳтиёҷоти ноҳия - 160 адад бо дарозии 600 метри тӯлонӣ) мавҷуд мебошад. Аз 28 адад кӯпрукҳо 5 ададаш (бо дарозии умумии 134,7 метри тӯлонӣ) таъмири капиталӣ карда шудааст. Ҳоло ҳам кӯпрукҳое мавҷуданд, ки фаршашон чӯбин ва валангор мебошад ва фарши онҳо ба азнавсозӣ ниёз доранд.

Дар ҳудуди ноҳия дар қитъаҳои аз километри 95 км то километри 98 - 3 км ва қисман аз километри 100 то километри 140 - 12 км роҳҳо таъмирталаб буда, ба таъмири капиталӣ эҳтиёҷ доранд. Дар аксариати маҳаллҳои аҳолинишин ва заминҳои корами обӣ дар роҳ қубурҳои обгузар шинонида нашудааст ва об ба сатҳи роҳ баромада, сабаби вайроншавии роҳҳо мегардад.

Инчунин, мушкилии дигари роҳи марказӣ ва кӯпрукҳои ноҳияи Нуробод дар он аст, ки тайи солҳои охир автомашинаҳои калони боркаш, ки иқтидори боркашониашон зиёд мебошад дар самти Душанбе – сарҳади Қирғизистон – Душанбе ҳаракат намуда, аз болои кӯпрукҳое, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ бо қобилияти борбардории 30 тонна вазн сохта шуда буданд мегузаранд, ки ин хатари ба садама дучор шудани онҳоро дучанд зиёд мегардонад. Барои бартараф намудани ин мушкилот кӯпрукҳои ноҳияро аз нав таҷдид намуда, ба меъёрҳои талаботи имрӯза мутобиқ кардан зарур мебошад.

Барои беҳтар намудани ҳолати техникии роҳҳо дар давоми солҳои 2010-2016 тавассути маблағгузориҳои муттамарказ беш аз 1,0 млн. сомонӣ ва бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ҳаҷми тақрибан 8 млн. доллари ИМА корҳои васеъкунии роҳҳо, 4 кӯпруки аҳамияти

байналмилалидоштаи ноҳия, шинонидани 100 метри шартӣ қубурҳои обгузари қутрашон 1-1,5 метр ва сохтмони зиёда аз 1300 $м^3$ пойдеворҳо ба анҷом росонида шуд. Дар натиҷа ҳолати техникии роҳҳо беҳтар гардида, рафтуомади бехатари нақлиётро таъмин намуд.

Мушкилоти дигари дар самти мазкур ба роҳи нави сохташаванда пайваст гардонидани роҳҳои маҳаллаҳои аҳолинишини ҷамоатҳои деҳоти Ҳакимӣ, Муҷихарф, Комсомолобод, Сафедчашма ва И. Ҳалимов мебошад.

Дар ҳолати сохта шудани НБО-и Роғун, масъалаи бо роҳ таъмин намудани деҳаҳои дар қисмати болоии ҷамоати Иззатулло Ҳалимов, ки зери об намемонанд, ба амал меояд. Масъалаҳои зикршуда таҳлили амиқро ҷиҳати аз тарафи пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашӣ омода намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавиии сохтмони роҳҳои нави мошингардро тақозо менамояд.

Роҳи Обигарм-Нуробод пойтахти шаҳри Душанберо бо минтақаи шимолу шарқи Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мепайвандад ва дар як рӯз тақрибан 2000 мошин мекашонад.

Сохтмони роҳи нави автомобилгарди дуҷониба байни Обигарм ва Нуробод ба беҳтар шудани иртиботи Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорат мусоидат хоҳад кард.

Шоҳроҳи нав роҳи мавҷударо, ки бо сабаби бунёди нерӯгоҳи барқӣ баста мешавад, иваз мекунад.

**4.4.2. Мушкилоти асосӣ**

- пайваст набудани роҳҳои маҳаллаҳои аҳолинишини ҷамоатҳои деҳоти Ҳакимӣ, Муҷихарф, Комсомолобод, Сафедчашма ва И.Ҳалимов, бо роҳи нави сохташаванда;
- ба азнавсозию таъм ир зарурият доштани 52 км роҳҳои байни деҳот;
- зарурияти ба анҷом расонидани сохтмони роҳҳои дохилии маркази ноҳия.

**4.4.3. Вазифаҳои асосӣ**

- азнавсозӣ ва таъмир намудани 52 км роҳҳои байни деҳот;
- ба роҳи нави сохташаванда пайваст гардонидани роҳҳои маҳаллаҳои аҳолинишини ҷамоатҳои деҳоти Ҳакимӣ, Муҷихарф, Комсомолобод , Сафедчашма ва И. Ҳалимов
- ба итмом расонидани сохтмони пурраи роҳҳои дохилии маркази ноҳия.

### 4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

### 4.5.1. Ҳолати кунунӣ

Соҳаи алоқа дар ноҳия яке аз соҳаҳои пешрафтаву рушдёфта ба ҳисоб меравад. Хизматрасониҳоро дар соҳаи алоқа бахши ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ноҳия, ки ба Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, ба зимма дорад. Айни замон, дар он 5 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият менамоянд. Хизматрасонӣ ба муштариён тавассути як пойгоҳи рақамии дорои 1024 рақам воқеъ дар маркази ноҳия ба роҳ монда шудааст.

Шаҳраки Дарбанд бо хати кабелии нурию нахӣ пайваст буда, хати ноқили он тариқи ноҳияи Лахш то марзи Ҷумҳурии Қирғизистон кашида шудааст.

**Иқтидорҳои техникии бахши ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ноҳия**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Миқдор |
|---|---|---|
| Дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ | км | 1616 |
| Шумораи пойгоҳҳои телефонӣ | адад | 1 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ | адад | 1500 |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ | адад | 210 |

Аҳолии ноҳияи Нуробод пурра аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Тселл», «Вавилон», «Билайн» ва «Мегафон» истифода мебаранд. Инчунин, дар ҳудуди ноҳия ва деҳоти он барномаҳои телевизионии «Шабакаи аввали Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо» ва «Баҳористон» «Синамо» инчуниш барномаҳои мухталифи Русия пахш мегарданд.

Дар ноҳия моҳе як маротиба нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод рӯзномаи «Нури Нуробод» бо теъдоди зиёда аз 1530 нусха чоп мешавад. Бо сабаби набудани таҷҳизоти чопкунӣ рӯзнома дар шаҳри Душанбе ба нашр расида, сипас ба хонандагон дастрас карда мешавад, ки ин хароҷоти иловагиро талаб менамояд.

### 4.5.2. Мушкилоти асосӣ

- набудани таҷҳизоти мавҷқабулкунӣ, ки то деҳаҳои дурдаст пахши барномаҳои радиоиро ба анҷом расонад;
- мавҷуд набудани бинои матбааи ноҳиявӣ ва кухнаю фарсуда будани дастгоҳи чопкунӣ.

### 4.5.3. Вазифаҳои асосӣ

- дастрас намудани хизматрасонии алоқа барои аҳолии деҳаҳои дурдаст;
- васл намудани таҷҳизоти нави рақамии паҳнкунандаи мавҷҳои радиоӣ.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

### 5.1.1. Ҳолати кунунӣ

Хушбахтона, дар ноҳия манбаъҳои статсионарие, ки ба ҳавои атмосфера моддаҳои зараровар ихроҷ мекунанд, мавҷуд нест. Аммо миқдори партовҳои умумие, ки воситаҳои нақлиёт ихроҷ менамоянд, дар як сол ба 1320 т баробар буда, аз он 310,7 т ба нақлиёти давлатӣ ва 1009,3 т ба дӯши воситаҳои нақлиётҳои хусусӣ рост меояд.

**Иншоотҳои обпартои ноҳия**

| Номгӯи иншоотҳои обтозакунӣ | Ҳаҷми партови истеҳсолӣ, $м^3$/шабонарӯз | Ҳаҷми аслии партови истеҳсолӣ, $м^3$/шабонарӯз | Восита ва тартиби тозакунӣ |
|---|---|---|---|
| Беморхонаи марказии ноҳия | 320,0 | 185,0 | Механикӣ |
| Хонаҳои истиқоматии 2-ошёнаи шаҳраки Дарбанд | 1864 | Фаъолият намекунад | Механикӣ |

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳия партовобаҳои иншоотҳои истеҳсолӣ ва хизматӣ ба муҳити беруна бе коркард, таҳшингардонӣ ва безараргардонӣ партофта мешаванд. Ҳаҷми умумии эҳтиёҷоти корхонаҳои ноҳия мувофиқи нақша 77,7 ҳазор $м^3$/сол буда, коркарди он дар як сол танҳо 16,3 ҳазор $м^3$ таъмин карда мешавад. Илова ба ин, чорабиниҳои безараргардонӣ низ дар ноҳия мунтазам гузаронида намешаванд.

Ҳар сол дар ноҳия маъракаи ниҳолшинонӣ гузаронида мешавад, лекин аз сабаби танқисии об ва сари вақт обёрӣ карда натавонистан, шумораи зиёди ниҳолҳо хушк мешаванд.

### 5.1.2. Мушкилоти асосӣ

- таваҷҷуҳи нокифояи аҳолии маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои ҳифзи муҳити зист;
- набудани нуқтаҳои қабули лампаҳои каммасраф.

**5.1.3. Вазифаҳои асосӣ**

- роҳандозӣ намудани чорабиниҳо барои баланд бардоштани дараҷаи иттилоотии сокинони шаҳр оид ба талаботҳои нигоҳдории муҳити зист;
- ташкил намудани нуқтаҳои қабули лампаҳои каммасраф ва дигар маводҳои таъсиррасонӣ муҳити зист ва дар ин замина бунёди корхонаи коркарди партовҳои пластикӣ, сахти маишӣ ва лампаҳои каммасрафи аз кор баромада;
- барқарор ва зиёд намудани нуқтаҳои мушоҳидавии ҳолати ҳавои атмосфера;

- ба роҳ мондани обпошии мунтазами кӯчаи асосии маркази ноҳия.

**5.2. Идоракунии хавфи ҳолатҳои фавқулода**

Ноҳияи Нуробод дар қисмати шарқии Тоҷикистон, дар минтақаи сатҳи офатҳои табииаш баланд ҷойгир мебошад. Релефи ноҳия ноҳамвор буда, масоҳати умумии ноҳия беш аз 900 километри мураббаъ ва шумораи умумии аҳолии ноҳия 80,52 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Зичии миёнаи аҳолии ноҳия 8,95 нафар дар як километри мураббаъро ташкил медиҳад.

Дар давраи солҳои 2017-2020 дар ноҳияи Нуробод 101 ҳолати фавқулода, ба қайд гирифта шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ноҳияи Нуробод ба маблағи 321 646 ҳазор сомонӣ хисорот ворид сохтаанд, ки он 5,3 фоизи буҷети умумии сесолаи ноҳияро ташкил медиҳад.

Ҳудуди ноҳияи Нуробод қариб саросар ба ҷараёнҳои хавфнок пайваста дучор мегардад. Ба заминҳои ҷамоатҳои дар ноҳия мавҷудбуда, хатари ҷараёнҳои хавфноки табиӣ таҳдид менамояд.

Дар 4 деҳаҳои ноҳия се намуди ҷараёнҳои хавфнок, аз қабили тармафуроӣ, селу ярчҳо ба амал меоянд. Намудҳои асосии ҷараёнҳои хавфноки ба аҳолии деҳаҳо таҳдидкунанда сел, сангфуроӣ, заминҷунбӣ ва тармаҳо мебошанд. Ба ҳолатҳои боришоти барфи зиёд ва сардиҳои шадид тамоми қаламрави ноҳия мувоҷеҳ мебошанд.

**Номгӯи офатҳои табиие, ки ба маҳалҳо аҳолинишин таҳдид менамоянд**

| Ҷамоат | Деҳа | Навъи ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Навъи ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Комсомолобод | Чинор | селҳо | Мучихарф | Ҷормағзак | ярчҳо, селҳо |
| | Себак | ярчҳо, селҳо | | Навободи майда | ярчҳо, селҳо |
| | Тухор | селҳо | | Навободи калон | ярчҳо, селҳо |
| | Қалъанак | селҳо | | Даҳагиён | ярчҳо, селҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шашволон | Тармаҳо, ярчҳо, селҳо | | Чепаак | ярчҳо |
| | Тегирмӣ | Тармаҳо, ярчҳо, селҳо | | Қалъанак | ярчҳо |
| | Сайидон | селҳо | | Истошон | обхезиҳо |
| | | | | Сабағ | Тармаҳо, ярчҳо, селҳо |
| | | | Ҳакимӣ | Ҳакими Поён | селҳо |
| | | | | Таги Камар | селҳо |
| Самсолиқ | Кабутиён | ярчҳо | | Шоҳтути боло | ярчҳо |
| | Калназар | ярчҳо, селҳо | | Садоқат | селҳо |
| Хумдон | Хумдон | ярчҳо, селҳо | | | |
| | Гарданга | ярчҳо | Иззатулло Ҳалимов | Истон | ярчҳо |
| | Хуҷаи Мурод | ярчҳо | | Яхак | тармаҳо, ярчҳо, селҳо |

Ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ бештар ба соҳаҳои инфрасохтор ва кишоварзии ноҳия зарари ҷиддӣ расонидаанд. Қисми зиёди хисорот ба соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ, маориф, кишоварзӣ ва биноҳои маъмурӣ рост меояд.

Масоҳати заминҳои кишт 3,2 фоизи (2935 га) масоҳати умумии заминҳои ноҳияи Нурободро ташкил медиҳад, яъне ба ҳар нафар сокини ноҳия қариб 0,04 га замини кишт рост меояд.

Бо назардошти масоҳати ками заминҳои киштбоб, зарари соҳаи кишоварзӣ аз ҳолатҳои фавқулода, бевосита ба вазъи зиндагии аҳолии ноҳия таъсири манфии худро мерасонад.

Дар шароити маҳдудияти захираҳои замин ва хисороти назаррас аз ҳисоби офатҳои табиӣ, масъалаи ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ ва соҳаи аграрӣ аз обхезиҳо, селҳо ва ярчҳо, тавассути сохтмони иншооти дахлдори муҳофизатӣ, аз қабили иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, селпартоҳо, шабакаҳои дренажӣ ва мустаҳкам намудани нишебиҳои ярчпазир ниҳоят ҳалталаб мебошад.

Бо назардошти он, ки ноҳия дотатсионӣ буда, маблағи субвенсияҳои давлатӣ аз 80,0 фоиз бештар аст, ҷиҳати фоидаовар гардонидани субъектҳо ва сафарбар намудани онҳо барои корҳои мигитатсионӣ, айни замон имконият мавҷуд нест.

Аз 6 ҷамоат ва 1 шаҳраки ноҳияи Нуробод, танҳо шаҳраки Дарбанд мавзеи хавфнок надорад. Дар ҳамаи ҳафт ҷамоати дигар аз 2 то 11 деҳа дар ҳудуди худ мавзеъҳои хавфнок доранд. Ҳамагӣ дар ноҳия 32 деҳа

(25,7 %), ки дар онҳо 41,8 %-и аҳолӣ истиқомат мекунанд, дар мавзеҳои хавфнок ҷойгир мебошанд.

Деҳаҳои дар минтақаҳои хавфнок ҷойгиранд 27145 нафар аҳолӣ (2355 хоҷагии деҳқонӣ) зиндагӣ мекунанд, ки ин 41,8% шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки 1213 хоҷагӣ ва 9031 нафар аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир буда, барои кӯчонидан ба мавзеҳои бехавф ниёз доранд.

Дар ноҳияи Нуробод 24 муассиса бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардиданд.

**5.2.2. Мушкилоти асосӣ**

- мавҷуд набудани гурӯҳбандии мавзеъҳои дар зери таъсири ҷараёнҳои геологии экзогенӣ қарор дошта;
- мавҷуд набудани харитаи минтақаҳои хавфнок;
- механизмҳои сустамалкунанда оид ба сабуксозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;
- мавҷуд набудани баҳодиҳии техникии фонди манзил;
- пур гаштани ҷӯйбору селроҳаҳо аз қуму регҳо.

**5.2.3. Вазифаҳои асосӣ**

- ба роҳ мондани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тоза кардани ҷӯйборҳо ва селроҳаҳо, кашонидани сангу регу қум аз селроҳаҳо;

## БОБИ 6. ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

**6.1. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ**

Татбиқи ҳадаф ва афзалиятҳои барномаи рушди ноҳия аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои рушд таъмин мегардад. Яке аз сарчашмаҳои асосии молиявӣ ин маблағҳои Буҷети давлатӣ (буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) мебошанд, ки дар чорчӯбаи таҳияи буҷетҳои миёнамуҳлат барои давраи амалисозии Барномаи мазкур мунтазам тадбирҳо дар доираи ҳадаф ва афзалиятҳои муайяншуда мушаххас карда мешаванд.

Сарчашмаи дигари муҳими БРН ин ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ, дастгирии сармоягузории шарикони рушд ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мебошанд.

Ҳаҷми пешбинишудаи захираҳо аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории БРН зиёда аз 2 миллиарду 157 млн. сомонӣ, аз он захираҳои бахши хусусӣ 1,3 фоиз, захираҳои буҷетӣ 4,9 фоиз, маблағҳои ғайрибуҷетӣ 93,5 фоиз ва соҳибкорон 1,3 фоизро ташкил медиҳад.

Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Тайи солҳои 2018-2020

ҳиссаи хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 65 фоиз ва 18,6 фоиз мебошад.

Қисми зиёди хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии корфармоён равона мегардад. Маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмир хело кам равона карда мешавад. Барои таъмини Барнома дар панҷ соли оянда фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Норасоии маблағҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳои мустақими хусусӣ ва шарикони рушд пӯшонида мешавад. Барои ин чорабинии Барнома беҳтар намудани муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷию дохилӣ дар назар дошта шудааст, ки дар навбати худ ба имкониятҳои иловагии буҷет таъсир мерасонад. Ҳамзамон, барои татбиқи тамоми афзалиятҳо, хусусан дар самти рушди устувор маблағҳо аз ин сарчашмаҳо нокифоя мебошанд, бинобар ин мақомоти маҳаллии ноҳия ба дастгирии афзалиятҳои барнома дар доираи ташаббусҳои нав оид ба Ҳадафҳои рушди устувор умед мебандад.

### 6.3. Низоми мониторинг ва арзёбӣ

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳим дар татбиқи БРН ба ҳисоб рафта, мушоҳидаи ҷараёни корҳо, мушкилотҳои ҷойдошта ва натиҷаҳои бадастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардада, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

**1.** То кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;

**2.** Татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натиҷаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди ноҳияи Нуробод аз рӯи ду унсур (мониторинги натиҷавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо) гузаронида мешавад.

Мониторинги натиҷавӣ аз рӯи индикаторҳо гузаронида шуда, тавассути он то кадом андоза ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо аз рӯи ҷойгиршавӣ, муҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳангоми зарурӣ ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва коршиносони маҳаллӣ, ки аз рафти корҳо хуб огаҳанд, гузаронида мешавад.

Амалишавии лоиҳаҳо дар соли 2021